**КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФЕҲРИСТИ НОМҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ

**ДУШАНБЕ 2023**

Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 2 марти соли 2023, № 83 ш. Душанбе

# ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 27-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 2016, №325

Мутобиҳи модаҳои 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Замимаи ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016, №325 «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» дар таҳрири нав тасдиқ карда шавади (замима мегардад).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Постановление
Правительства Республики Таджикистан

от 2 марта 2023 года, №83 г. Душанбе

# О ВНЕСЕНИИ ИЗМЕНЕНИЙ В ПОСТАНОВЛЕНИЕ ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОТ 27 ИЮЛЯ 2016 ГОДА, №325

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан **п о с т а н о в л я е т:**

Приложение к постановлению Правительства Республики Таджикистан от 27 июля 2016 года, №325 «О Реестре таджикских национальных имён» утвердить в новой редакции (прилагается).

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 2 » марти соли 2023, № 83

# ФЕҲРИСТИ НОМҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ (минбаъд – Феҳрист) бо мақсади эҳёи арзишҳои маънавӣ ва сарватҳои бебаҳои таъриху фарҳанги миллӣ тавассути забони миллӣ, инчунин, номгузории суннатии тоҷикӣ таҳия карда шудааст. Забони давлатӣ ва эҳтиром гузоштан ба он, инчунин, танзими номгузории шаҳрвандон дар заминаи меъёрҳои таърихии номгузории миллӣ ба фарзандон, ки яке аз арзишҳои маънавии халқи тоҷик маҳсуб ёфта, аз гузаштаи дури таърихи забони тоҷикӣ маншаъ мегирад,

2. Феҳрист аз ду қисмат иборат буда, бо рақамгузорӣ пайгирӣ мешавад. Дар қисмати аввал номҳои духтарона ва дар қисмати дувум номҳои писарона оварда шудаанд. Бо мақсади навиштани дурусти номҳои миллӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ тарзи навишти номҳои духтаронаю писарона дар се шакл тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дода шудаанд.

3. Феҳрист дар пояи суннати номгузорӣ ва меъёри номсозии тоҷикӣ бо дарназардошти фарҳанги пурғановати миллӣ беҳтарин номҳоро дар бар мегирад. Гузоштани номҳои зебо ва хушоҳангу сода мувофиқи мақсад мебошад. Бинобар ин, барои интихоби номҳои миллӣ меъёрҳои зерин муқаррар шудааст:

- номҳое, ки аз вожаҳои ифодакунандаи ранг, ҳайвонот (ба истиснои шер, ки дар номгузории суннатии тоҷикон ифодагари далериву мардонагӣ мебошад) ва парандагоне, ки хосияти бад доранд, бархе аз меваву сабзавот, ашёи рӯзгору масолеҳ ва монанди инҳо иборатанд, ба Феҳрист ворид карда нашуданд;

-дар асоси меъёри таърихии забони тоҷикӣ дар охири номҳои мардона калимаи *«аллоҳ» ва* гунаи савтии он *«уллоҳ»* дар шакли пурра навишта мешаванд: *Сафиаллоҳ, Исматуллоҳ, Мақсадуллоҳ, Баҳруллоҳ* ва ғайра;

- номҳое, ки аз номи пайғомбар ташаккул ёфтаву дар тули таърих ба ихтисор дучор шуда, дар шакли *ма, мат, мад, мамад, маҲмад* корбурд мешуданд, ба Феҳрист дар шакли пурра (дуруст) ворид гардиданд ва дар Ҳамин шакл барои истифода дар номҳо пешниход мегарданд: Гулмад - Гулмуҳаммад, Нормат - Нормуҳаммад, Мадкарим - Муҳаммадкарим, Маниёз -

Муҳаммадниёз, ШоҲмат –- Шоҳмуҳаммад, Маҳмадҷон – Муҳаммадҷон ва ғайра;

- дар таърихи номгузории миллати тоҷик баъзе номҳо ҳам ба ҷинси мардона ва ҳам ба ҷинси занона гузошта мешаванд. Ин ҳолати табии номгузории миллӣ вобаста ба минтақаҳои маскунӣ сурат гирифтааст. Бо мақсади нигоҳ доштани анъанаи деринаи номгузорӣ номҳое, ки вобаста ба минтақаҳои Тоҷикистон ба ҷинси мардона ё занона мансубанд, дар Феҳрист бо нишонаи ситорача дар охири ном (*) пешниҳод шудаанд. Ситорача аз он шаҳодат медиҳад, ки ин ном ба ҷинси занонаю мардона баробар хизмат мекунад. *Муҳаббат*, Равшан*, Меҳрубон** ва ғайра;

- дар асоси меъёри таърихии забони тоҷикӣ дар охири номҳои мардона калимаҳои «шоҳ», ки собиқаи деринаи номсозӣ дорад, дар шакли пурра навишта мешавад ва барои истифода дар номҳо тавсия мегарданд: Шоҳназар, Шоҳрух, Давлатшоҳ, Меҳробшоҳ, ва ғайра;

-дар асоси меъёри таърихии забони тоҷикӣ дар аввал ва охири номҲо калимаҲои “бибӣ”, “*моҳ”, бек, “ҷон” ва “ хон”* истифода шаванд: Бибигул, Марямбибӣ, Моҳлиқо, Давлатмоҳ, Бекмуҳаммад, Сафарбек, Ҷонфидо, Каримҷон, Хоналӣ, Шарифхон ва ғайра;

-дар номгузории забони тоҷикӣ пасвандгунаҳои *“бону”, “нисо”, “хотун” ва монанди инҳо метавонанд истифода шаванд: Манижабону, Сарвбрну, Тоҷинисо, Сорохотун* ва ғайра;

-дар суннати номгузории тоҷикӣ номҳои мураккаб бо ҷузъҳои “мирзо”, “мир”, “гул” собиқаи дерина доранд, ки онҳо дар Феҳрист ҷой дода шудаанд ва барои истифода дар номҳо тавсия мешаванд: Мирзошариф, Мизоамон, Мирвафо, Шаҳмир, Гулғунча, Гулбону, Савригул ва ғайра;

- мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҚайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ба номи шахс илова намудани тахаллусҳои *«мулло», «халифа», «тура», «хоҷа», «хуҷа», «валӣ», «охун», «амир», «суфӣ»* ва ба инҳо монанд, ки боиси тафриқаандозӣ дар байни одамон мегардад, манъ аст.

**Намунаи**
**насабнависӣ дар асоси қисмҳои 4 ва 6-и моддаи 20-и**
**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи бақайдгирии**
**давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»**

| | **Насаб** | **Ном** | **Номи падар** |
|---|---|---|---|
| бо пасванди **-ӣ** | Ниёзи | Шуҳрат | Сипеҳрзод |
| | Икромӣ | Гулбахор | Ализода |
| | Қаҳҳорӣ | Афар | Мухтор |
| | Сатторӣ | Садаф | Шарифниё |
| | Ҷамолӣ | Рустам | Щуҳратёр |
| | Исхоқӣ | Манучеҳр | Салимфар |
| | Ҳилолӣ | Шариф | Самадзода |
| бо пасванди **-зод** | Фаррухзод | Хуршед | Ализода |
| | Икромзод | Хуршеда | Каримниё |
| | Сафарзод | Ҷаҳонгир | Азимфар |
| | Салимзод | Сафар | Карим |
| бо пасванди **- зода** | Зайниддинзода | Бахтиёр | Муҳаммадёр |
| | Ализода | Лола | Самадзод |
| | Ализода | Хушрӯз | Олим |
| | Сафарзода | Манижа | Камлофар |
| | Шарофзода | Комил | Баҳромзод |
| | Мансурзода | Сипеҳр | Алиниё |
| | Каримзода | Гулсара | Фаршедфар |
| бо пасванди **- он** | Шоҳрухон | Шерзод | Бахтовар |
| | Шоҳрухон | Гулшод | Рустамзода |

| | | | |
|---|---|---|---|
| бо пасванди **-ён, -иён, -ёр** | Зулфониён | Ҷаҳонтоҷ | Раҳимзод |
| | Раҳмониён | Таҳмина | Амирзод |
| | Қурбониён | Рустам | Салим |
| | Рашидиён | Рудоба | Фирӯзфар |
| | Шодиён | Беҳрӯз | Самадниё |
| | Ёқубиён | Гулзор | Диловарзода |
| | Шухратёр | Хушнуд | Шоҳрухзод |
| | Шухратёр | Фирӯза | Далерзода |
| бо пасванди **-ниё** | Ҳикматниё | Суҳроб | Рустам |
| | Ҳикматниё | Хушнавоз | Умарзод |
| | Восифниё | Максуд | Ҷовидфар |
| | Нодирниё | Сулхия | Комилфар |
| | Сахиниё | Умеда | Шарифзода |
| | Собирниё | Умед | Султон |
| | Исрофилниё | Комёр | Мирзод |
| | Кошифниё | Сипехр | Ҳабиб |
| бо пасванди **- фар** | Зарафшонфар | Олим | Сафарзод |
| | Некдодфар | Гулнор | Қамарзода |
| | Ҷовидонфар | Ширинмоҳ | Умедёр |
| | Меҳронфар | Ҷовидон | Сипехрзод |
| | Озодфар | Ҷаҳонбахт | Одилниё |
| | Озодфар | Шаҳбоз | Далер |
| бе пасванд | Некдод | Гулнор | Қамар |
| | Ҳикмат | Суҳроб | Рустам |
| | Шохрух | Гулшод | Бахтовар |
| бо пасванди **-духт** | Давлатзода | Мавҷигул | Борондухт |
| | МаҲмадёрзода | Гулсара | Муқимдухт |
| | Салимзода | Гулдаста | Акрамдухт |
| | | | |
| бо пасванди **-пур** | Азимзода | Шаҳром | Наимпур |
| | Зафарзода | Саид | Шарифпур |
| | Каримзода | Шохрух | Салимпур |
| | | | |